# Шарҳи мухтасари
# натиҷаи назарсанҷии шаҳрвандон оид ба муайянкунии реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллӣ (сомонӣ) дар моҳҳои сентябр-ноябри соли 2015

Дар асоси Дастури Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва Фармоишҳои №1 аз 11.09.2015, №2 аз 1.10.2015 ва №3 аз 10.11.2015 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон аз 14 то 18-уми сентябр, аз 1-ум то 30-юми октябр ва аз 10-ум то 27-уми ноябри соли равон назарсанҷии шаҳрвандон оид ба муайянкунии реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллӣ (сомонӣ) бо воситаи "Сомонаи–Интернети"-и (www.nbt.tj) Бонки миллии Тоҷикистон инчунин дар байни ташкилотҳои қарзӣ, мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ, миёни соҳибкорон ва шахсони касбу корҳои гуногун дар ш.Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Дар назарсанҷии мазкур 1086 нафар ташкилотҳои қарзӣ, мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ ва шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорон дар бозорҳои ш. Душанбе иштирок намуданд, ки натиҷаи он чунин баҳо дода мешавад.

***Диаграммаи 1. Ҷавобҳои респондентҳо ҷиҳати муайянкунии реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ дар давраи сентяб-октябри соли 2015, (бо фоиз)***




***Дар моҳи ноябр*** ба саволи муайянкунии шаклҳои реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ, респондентҳо чунин ҷавобҳо доданд: реҷаи озод шинокунанда 86 нафар (34,1 фоиз), реҷаи шинокунандаи танзимшаванда 99 нафар (39,3 фоиз), реҷаи муқаррарнамоии ҳудудҳои асъорӣ 24 нафар (9,5 фоиз) ва реҷаи қурби муқарраршудаи асъор 43 нафар (17,5 фоиз).

***Дар моҳи сентябр-ноябр*** ба саволи муайянкунии шаклҳои реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ, респондентҳо чунин ҷавобҳо доданд: реҷаи озод шинокунанда 299 нафар (27,5 фоиз), реҷаи шинокунандаи танзимшаванда 480 нафар (44,2 фоиз), реҷаи муқаррарнамоии ҳудудҳои асъорӣ 127 нафар (11,7 фоиз) ва реҷаи қурби муқарраршудаи асъор 180 нафар (16,6 фоиз). *(ниг. диаграммаи 1.).*

***Ҷадвали 1. Ҷавобҳои респондентҳо ҷиҳати муайянкунии реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ дар моҳҳои сентябр-ноябри соли 2015, (бо фоиз)***

| № | Шумо кадом реҷаи муқаррар кардани қурби асъори хориҷиро нисбати сомонӣ зарур мешуморед? | Теъдоди ҷавобҳо сентябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ сентябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо октябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ октябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо ноябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ ноябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо сен-окт-ноя | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ сен-окт-ноя (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **417** | 100 | **417** | 100 | **252** | 100 | **1086** | 100 |
| | а.реҷаи озод шинокунанда | 113 | 27,1 | 100 | 24,0 | 86 | 34,1 | 299 | 27,5 |
| | б. реҷаи шинокунандаи танзимшаванда | 198 | 47,5 | 183 | 43,9 | 99 | 39,3 | 480 | 44,2 |
| | в. реҷаи муқаррарнамоии ҳудудҳои асъорӣ | 42 | 10,1 | 61 | 14,6 | 24 | 9,5 | 127 | 11,7 |
| | г. Реҷаи қурби муқарраршудаи асъор | 64 | 15,3 | 73 | 17,5 | 43 | 17,1 | 180 | 16,6 |

Агар ба таркиби ин маълумотҳо назар афканем, баръало дида мешавад, ки ҳиссаи зиёда аз 44,2 фоиз ё 480 нафари респондентҳо реҷаи шинокунандаи танзишавандаро дастгирӣ менамоянд. Қобили қайд аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаи қурби шинокунандаи танзимшаванда амал менамояд ва аз ин хотир реҷаи амалкунандаро қисми зиёди респондентон дастгирӣ намудаанд ва тарафдори онанд, ки минбаъд дар кишвар реҷаи озод шинокунанда амал кунад. Дар давраи назарсанҷии мазкур зиёда аз 299 нафар ва ё ҳиссаи тарафдорони ин реҷа аз ҳаҷми умумии респондентон 27,5 фоизро ташкил намуд.*(ниг. ҷадвали 1.).*

Доир ба реҷаи қурби шинокунандаи танзимшаванда, ки айни ҳол дар кишвар амал мекунад посухи респондентон чунин арзёбӣ карда мешвад:

***Дар моҳи ноябр.*** **Т**еъдоди 72 нафар (28,6 фоиз)-и респондентҳо реҷаи мазкурро дуруст мешуморанд, 88 нафар (34,9 фоиз) қаноатманд, 31 нафар (12,3 фоиз) нодуруст, 39 нафар (15,5 фоиз) хуб ва 22 нафари дигар (8,7 фоиз) ин реҷаро бад баҳо доданд.

***Дар моҳҳои сентябр-ноябр.*** **Т**еъдоди 281 нафар (25,9 фоиз)-и респондентҳо реҷаи мазкурро дуруст мешуморанд, 342 нафар (31,5

фоиз) қаноатманд, 148 нафар (13,6 фоиз) нодуруст, 173 нафар (15,9 фоиз) хуб ва 142 нафари дигар (13,1 фоиз) ин речаро бад меҳисобанд. *(ниг. диаграммаи 2.).*

**_Диаграммаи 2. Ҷавоби респондентҳо нисбати реҷаи амалкунандаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ дар моҳҳои сентябо-ноябри соли 2015 (бо фоиз)_**




Қобили қайд аст, ки шумораи респондентоне, ки речаи мазкурро бад меҳисобиданд, дар моҳи ноябр 8,7 фоизро ташкил медиҳад дар давоми моҳои сентябр – ноябр ин нишондиҳандаи мазкур ба 13,1 фоиз расонида шудааст. *(ниг. ҷадвали 2)*

**_Ҷадвали 2. Ҷавоби респондентҳо нисбати реҷаи амалкунандаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ дар моҳҳои сентябр-ноябри соли 2015 (бо фоиз)_**

| № | Айни замон дар Тоҷикистон реҷаи қурби шинокунандаи танзимшаванда амал мекунад, нисбат ба ин реҷаи амалкунанда чӣ фикр доред? | Теъдоди ҷавобҳо сентябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ сентябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо октябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ октябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо ноябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ ноябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо сен-окт-ноя | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ сен-окт-ноя (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **417** | 100 | **417** | 100 | **252** | 100 | **1086** | 100 |
| | а. дуруст аст | 101 | 24,2 | 108 | 25,9 | 72 | 28,6 | 281 | 25,9 |
| | б. қаноаткунанда мебошад | 138 | 33,1 | 116 | 27,8 | 88 | 34,9 | 342 | 31,5 |
| | в.нодуруст аст | 47 | 11,3 | 70 | 16,8 | 31 | 12,3 | 148 | 13,6 |
| | г. хуб аст | 51 | 12,2 | 83 | 19,9 | 39 | 15,5 | 173 | 15,9 |
| | д. бад аст | 80 | 19,2 | 40 | 9,6 | 22 | 8,7 | 142 | 13,1 |

Нисбати саволи Пурсишнома, ки бо чунин мазмун: “Айни замон қисме аз кишварҳо тахти таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодӣ пули миллии худро девалватсия карда истодаанд. Оё Шумо девалватсия кардани пули миллии сомониро дастгирӣ мекунед?” ҷой дода шуда буд,

респондентон дар давраи назарсанҷии мазкур (сен-ноя с. 2015) чунин ҷавобҳо доданд:

***Дар моҳи сентябр.*** **Т**еъдоди 168 нафар (40,3 фоиз)-и респондентҳо девалватсия кардани пули миллиро дастгирӣ карданд ва баръакс 249 нафар (59,7 фоиз)-и дигар зарурияти девалватсия кардани пули миллиро маъқул надонистанд.

***Дар моҳи октябр.*** **Т**еъдоди 199 нафар (47,7 фоиз)-и респондентҳо девалватсия кардани пули миллиро дастгирӣ карданд ва баръакс 218 нафар (52,3 фоиз)-и дигар зарурияти девалватсия кардани пули миллиро маъқул надонистанд.

***Дар моҳи ноябр.*** **Т**еъдоди 141 нафар (56,0 фоиз)-и респондентҳо девалватсия кардани пули миллиро дастгирӣ карданд ва баръакс 111 нафар (44,0 фоиз)-и дигар девалватсия кардани пули миллиро зарур нашумориданд.

***Дар давраи сентябр-ноябр.*** **Т**еъдоди 508 нафар (46,8 фоиз)-и респондентҳо девалватсия кардани пули миллиро дастгирӣ карданд ва баръакс 578 нафар (53,2 фоиз)-и дигар девалватсия кардани пули миллиро зарур нашумориданд. *(ниг. Диаграммаи 3.).*

***Диаграммаи 3. Ҷавоби респондентҳо нисбати девалватсия кардани пули миллӣ дар давраи сентябр-ноябри соли 2015, (бо фоиз)***




Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида шумораи респондетоне, ки дар моҳи сентябр девалватсия кардани пули миллиро дастгирӣ мекарданд, 31 нафар ва ё 7,4 фоиз зиёд шуд. Вале шумораи респондентоне, ки девалватсия накардани пули миллиро дар моҳи сентябр тарафдор буданд, дар моҳи октябр ба ҳамин теъдод низ кам гардид. *(ниг. ҷадвали 3.).*

**_Ҷадвали 3. Ақидаи респондентҳо нисбати девалватсия кардани пули миллӣ дар давраи сентябр-ноябри соли 2015, (бо фоиз)_**

| № | Айни замон қисме аз кишварҳо тахти таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодӣ пули миллии худро девалватсия карда истодаанд. Оё Шумо девалватсия кардани пули миллии сомониро дастгирӣ мекунед? | Теъдоди ҷавобҳо сентябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ сентябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо октябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ октябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо ноябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ ноябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо сен-окт-ноя | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ сен-окт-ноя (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **417** | 100 | **417** | 100 | **252** | 100 | **1086** | 100 |
| | а. Ҳа | 168 | 40,3 | 199 | 47,7 | 141 | 56,0 | 508 | 46,8 |
| | б. Не | 249 | 59,7 | 218 | 52,3 | 111 | 44,0 | 578 | 53,2 |

Нисбати саволе, ки дар пурсишнома ба таври зерин: "Айни замон қурби расмии муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон аз қурби бозорӣ тафовут дорад. Оё Шумо барои қурби расмиро ба қурби бозорӣ якхела намудан розӣ ҳастед?" қайд гардида аст, респондентон ба таври зайл иброз доштанд:

***Дар моҳи сентябр.*** **Т**еъдоди 306 нафар (73,4 фоиз)-и респондентҳо тарафдори якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ ва 111 нафар (26,6 фоиз)-и дигар муқобили якхела кардани қурбҳо мебошанд.

***Дар моҳи октябр.*** **Т**еъдоди 305 нафар (73,1 фоиз)-и респондентҳо тарафдори якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ ва 112 нафар (26,9 фоиз)-и дигар нисбати якхела кардани қурбҳо зид мебошанд.

***Дар моҳи ноябр.*** **Т**еъдоди 174 нафар (69,0 фоиз)-и респондентҳо тарафдори якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ ва 78 нафар (31,0 фоиз)-и дигар муқобили якхела кардани қурбҳо мебошанд.

***Дар моҳи сентябр-ноябр.*** **Т**еъдоди 785 нафар (72,3 фоиз)-и респондентҳо тарафдори якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ ва 301 нафар (27,7 фоиз)-и дигар нисбати якхела кардани қурбҳо зид мебошанд.

**_Диаграммаи 4. Ақидаи респондентҳо нисбати якхела кардани қурби расмии асъори хориҷӣ ба қурби бозорӣ дар давари сентябр-ноябри соли 2015, (бо фоиз)_**



Мувофиқи маълумотҳои дастрасгардида ҳиссаи респондентоне, ки тарафдори якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ мебошанд зиёда аз 72,3 фоизи шумораи умумии респондентонро ташкил мекунанд.

***Ҷадвали 4. Ақидаи респондентҳо нисбати якхела кардани қурби расмии асъори хориҷӣ ба қурби бозорӣ (бо фоиз)***

| № | Айни замон қурби расмии муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон аз қурби бозорӣ тафовут дорад. Оё Шумо барои қурби расмиро ба қурби бозорӣ якхела намудан розӣ ҳастед? | Теъдоди ҷавобҳо сентябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ сентябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо октябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ октябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо ноябр | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ ноябр (бо %) | Теъдоди ҷавобҳо сен-окт-ноя | Ҳисса аз ҷамъи умумӣ сен-окт-ноя (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **417** | 100 | **417** | 100 | **252** | 100 | **1086** | 100 |
| | а. Ҳа | 306 | 73,4 | 305 | 73,1 | 174 | 69,0 | 785 | 72,3 |
| | б. Не | 111 | 26,6 | 112 | 26,9 | 78 | 31,0 | 301 | 27,7 |

Қобили қайд аст, ки доир ба масъалаи муайянкунии реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии (сомонӣ) ва якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ ҷадвали таҳлилӣ дар замима оварда мешавад. Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон кӯшиш кардкааст, ки ҳама пешниҳоду дархости респондентон бе тағйироту иловаҳо сабт намояд.

*Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ*
*ва бозомӯзии кормандон*